**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Давлатов Абдулмаҷид Нурович дар мавзуи “Вижагиҳои наҳвии “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст.**

Таҳқиқи вижагиҳои наҳвии «Қобуснома» аз қабили масъалаҳои муҳими забоншиносии тоҷик ба ҳисоб меравад, зеро ин асар дар радифи осори арзишманде қарор мегирад, ки вазъи забони адабии тоҷикро дар садаи XI ба таври возеҳ инъикос намудааст.

Маҳз аз ҳамин дидгоҳ таҳлилу баррасӣ ва ба риштаи таҳқиқ кашидани вижагиҳои наҳвии «Қобуснома» дорои аҳамияти зиёди илмиву амалӣ мебошад.

Муҳаққиқ бар он кушидааст, ки дар асоси маводи забонии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус «тарзиибораорӣ, хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои содаю мураккаб ва банди наҳвӣ» (с. 4)-ро мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

Аз матни автореферат чунин бар меояд, ки диссертатсияи Давлатов Абдулмаҷид Нурович аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима оид ба масъалаҳои мубрам будани мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, методология ва методҳои таҳқиқ, моҳияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, нуктаҳои ҳимояшаванда, коркарди мавзуъ, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия маълумот дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои сода дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус» унвон дошта, дар боби мазкур вижагиҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои сода мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар заминаи маводи «Қобуснома» вижагиҳои сохтории ҷумлаҳои сода, ҷумлаҳои сода аз ҷиҳати маъно ва оҳанг, ҷумлаҳои содаи яктаркиба, ҷумлаҳои дутаркиба, аъзоҳои ҷумла, тарзу воситаҳои

алоқаи наҳвии калимаҳо дар ибора ва ҷумлаи сода мавриди таҳқиқ карор дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия - «Ҷумлахои мураккаб дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус» унвон дошта, таҳқиқи хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои мураккабро фаро гирифтааст. Боби мазкур аз панҷ фасл иборат буда, баррасии хусусиятҳои ҷумлаи мураккаби пайваст, ҷумлаи мураккаби тобеъ, ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб, вижагиҳои банди наҳвӣ, тарзу воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккабро дар бар мегирад.

Хулосаи диссертатсия дар ёздаҳ банди ҷудогона натиҷагирӣ шудааст, ки муҳтавои бобу фаслҳои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос намудааст.

Тартиби ишораи адабиёт мутобиқ ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, хулосаи мухтасари диссертатсия бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири матни автореферат оварда шуда, муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертантро ба таври фарогир ифода менамояд.

Дар баробари дастовардҳои арзишманд дар матни автореферат баъзе норасоиҳо мавҷуд буда, ба андешаи мо, ислоҳ намудани онҳо ба манфиати кор аст:

1. Муаллифи рисола дар мавридҳои муайян ибрози ақида намуда, андешаҳои худро бо далелу мисолҳои ҷолиб аз асари мавриди таҳқиқ меоварад, вале дар ҳолатҳои ҷудогона мисолҳо оварда нашудаанд ва гоҳо мисолҳои овардашуда нокифоя ба назар мерасанд.

2. Дар саҳифаҳои ҷудогонаи автореферати диссертатсия ғалатҳои китобатӣ (саҳ. 4, 8, 11, 15, 27) ва имлоӣ (4, 7, 10, 15, 17) ба назар мерасанд.

Лозим ба ёдоварист, ки эродҳои овардашуда ҷузъӣ буда, арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро коҳиш намедиҳанд. Натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷу назаррас буда, муҳаққиқ ба ҳадафҳои муайяннамудаи хеш муваффақ шудааст.

Бинобар ин метавон гуфт, ки автореферати диссертатсияи Давлатов Абдулмаҷид Нурович тахти унвони "Вижагиҳои наҳвии "Қобуснома"-и Унсурулмаолии Кайковус" ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи диссертатсия ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор аст.

Номзади илмҳои филология, и.в. дотсенти
кафедраи забон ва адабиёти тоҷики
Донишгоҳи давлатии Данғара — Қодиров Дилшод Сайдаллоевич
Суроға; 735320 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара,
кӯчаи Марказӣ 25
Телефон: (+992) 931330777

Имзои н.и.ф., и.в. дотсент Д.С. Қодировро
тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара — Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА